# ТАҚРИЗ

ба рисолаи номзадии Одинаев С.П. «Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар забони адабии муосири тоҷикӣ»

Рисолаи номзадии саромӯзгори кафедраи забонҳои Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон Одинаев С.П. ба яке аз масъалаҳои кам омӯхташудаи фразеология – амсилаҳо (модел ё қолабҳо) ва серияҳои воҳидҳои фразеологии ҳамқолаби забони тоҷикӣ бахшида шудааст.

Захираи бойи фразеологияи тоҷик нисбатан ба наздикӣ объекти тадқиқи забоншиносони тоҷик қарор гирифтааст. Дар асару мақолаҳои М.Ф.Фозилов, Р.Ғ.Ғаффоров, Ҳ.М.Маҷидов, Б.Камолиддинов, С.В.Хушенова масъалаҳои гуногуни фразеологияи тоҷик, таснифот ва хусусияти баъзе аз сохторҳои он (фразеологизмҳои изофӣ, воҳидҳои фразеологии феълӣ, ҷумлаҳои фразеологӣ ва ғайра) ба риштаи тадқиқот кашида шуданд. Ҳоло масъалаҳои сохтории воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ аҳамияти махсус пайдо кардааст, чунки навъҳои муайяни сохтории онҳо барои ҳал намудани бисёре аз масъалаҳои ҷолиби фразеология кӯмак расонида метавонад.

Амсиласозӣ яке аз усулҳои ба таври васеъ истифодашавандаи соҳаҳо ва падидаҳои гуногуни воқеият мебошад. Шаклҳои амсиласозӣ мухталифанд ва дар доираҳои гуногуни илм, истеҳсолот, санъат ва ғайра мавриди истифода қарор мегиранд. Дар забоншиносӣ, аз ҷумла фразеология ҳамчун усул барои тадқиқи раванди ҳосилшавии воҳидҳои фразеологӣ, мавҷудияти синхронӣ ва диахронии онҳо ба кор бурда мешавад. Масоили гуногуни серияҳои фразеологӣ ва амсиласозӣ (моделирование) махсусан дар даҳсолаҳои охир диққати тадқиқотчиёни зиёдеро ба худ ҷалб намуда, паҳлӯҳои мухталифи он мавриди тадқиқи забоншиносон қарор гирифтаанд.

Диссертант Одинаев С.П. дар асоси маводи бойи амалӣ (асосан аз асарҳои бадеии адибони муосири тоҷик) як қатор воҳидҳои фразеологии ҳамқолаби забони тоҷикиро тадқиқ намудааст. Омӯзишу тадқиқи

воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб барои муайян намудани сабабҳои тағйирёбӣ, таърихи ташаккул ва роҳҳои пайдоиши фразеологизмҳо кӯмак расонида метавонад. Хусусиятҳои лексикию маъноӣ ва сохтории воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб, таркиби лексикии ҷузъҳои дохили онҳо, алоқамандии фразеологизмҳои ҳамқолаб бо вариантҳо, муродифот ва мутазодҳои фразеологӣ муайян карда мешаванд. Хулосаҳое, ки зимни тадқиқот диссертант пешниҳод менамояд, бешубҳа, аҳамияти калони илмӣ доранд.

Дар рисола бори аввал силсилаи фразеологизмҳои ҳамқолаб тадқиқ шуда, қолабҳои нисбатан серистеъмоли сохташавии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ нишон дода мешаванд. Ғайр аз ин, муносибатҳои лексикии категорияҳои гуногуни фразеология – вариантҳо, муродифот, мутазодҳо ва воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб муайян карда мешаванд.

Диссертант адабиёти илмиро оид ба масъалаҳои фразеология муфассал омӯхта, аз ҷиҳати назариявӣ маводи фразеологиро дар асоси талаботи муосир мавриди тадқиқот қарор додааст. Рисолаи Одинаев С.П., бешубҳа, навоварии илмӣ дорад ва дар тадқиқи фразеологияи муосири тоҷик саҳми боризе дошта метавонад.

Чунин мешуморем, ки тадқиқоти анҷомдодаи Одинаев С.П. барои муҳокима ва тавсия намудан ҳамчун рисолаи номзади илмҳои филологӣ сазовар аст.

Роҳбари илмӣ,
доктори илмҳои филологӣ,
профессор: Маҷидов Ҳ.М.

имзои / подпись Маҷидов Ҳ.М.
ТАСДИҚ МЕКУНАМ / ЗАВЕРЯЮ
Сардори РК ва КМ ДМТ / Начальник УК и СЧ ТНУ
Тавқиев Э. Ш.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС * ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН * TAJIK NATIONAL UNIVERSITY * УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ *